Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Рушди устувори соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳои кишвар аз ташаккули кластерҳои пахта вобастагии калон дорад. Тамоюли афзоиши аҳолӣ ва талаботи бештари аҳолии кишвар ба маҳсулотҳои агросаноатӣ, маҳдудияти коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ, зарурати самаранок амалкарди занҷираи коркарди саноатӣ ва ҳамгироии соҳаҳои низоми агросаноатиро тақозо менамояд. Яке аз самтҳои муҳими баланд бардоштани рақобапазирии соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар шароити муосир ин кластерикунонии минтақаҳо ба ҳисоб меравад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва ташаккулии раванди кооператсия ва ҳамгирой идома дорад, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин раванд бархурдор мебошад. Дар ин ҷараён ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатӣ, аз ҷумла, кластери пахта дар минтақаҳо роли махсус бозида, он аз нигоҳи методой-услубӣ низ татбиқи худро гум накардаст. Дар ин маврид, кластерикунонии пахта дар минтақа ба мақасад ва вазифаҳои ҳамгирой ва коопертасия муқобил набуда, дар якҷояги барои рушди соҳибкорӣ дар низоми агросаноатӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити муосир дар соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои низоми агросаноатӣ кластерҳои мазкур ба таври лозима фаъолият надоранд. Таҳлил ва таҳқиқӣ ҷараёни кластерикунонии пахта дар минтақаҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки кушиши ташкил додани кластерҳои мазкур дар заминаи корхонаҳои агросаноатии даврони пешин бе истифодаи таҷрибаи кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ ва низоми хоҷагидории ҷаҳонӣ, аз ҷумла, аз нигоҳи илмӣ асосноккардашуда самараи на он қадар дилхоҳ медиҳад. Аз ин ҷо, зарурияти объективии рушди дастаҷамъонаи соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар заминаи кластерикунонӣ, аз ҷумла кластери пахта,

рақобатпазирии иштирокчиёни он ва истифодаи самараноки захираҳои иқтисодиро таъмин менамояд.

Новобаста аз оне, ки унвонҷӯ дар омода намудани рисолаи илмӣ заҳмат кашида, рисоларо дар сатҳи хуби илмӣ омода намудааст, барои баланд бардоштани сифати кор чунин пешниҳод менамоям:

- дар автореферат ба масъалаи рушди инноватсионии кластерҳои пахта, яъне занҷираи истеҳсолӣ камтар маълумот дода шудааст ва агар он васеътар мавриди омӯзиш қарор дода мешуд, сифати корро боз ҳам баланд мебардошт;
- дар автореферат маълумот оид ба истифодашуда усул ва амсилаҳои кластерӣ оварда нашудааст.

Камбудии ҷойдошта хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифати кори илмии анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонад.

Автореферати Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзӯи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)» ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаи илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқат карда, муалифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
д.и.и., профессори кафедраи идоракунии
иқтисодиёт ва маркетинги ДДХ
ба номи академик Б.Ғафуров Қодиров А.Л.

Имзои профессор Қодиров А.Л.-ро тасдиқ менамоям
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Наврӯзов Э.М.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (992 3422) 6 52 73;
Факс: (83422) 6 75 18;
E-mail: rector@hgu.tj
Сомона: https://www.hgu.tj/